# ХУЛОСАИ

**ниҳоии шурои диссертатсионии 6D.KOA-029-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз рӯйи диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм**

Парвандаи аттестатсионии №___

**Қарори Шурои диссертатсионӣ аз 06 апрели соли 2023, таҳти №28**

**Барои сазовор донистани Амирбекова Иқлима Ҷаборовна дар мавзуи «Таълимоти машшоияи шарқӣ дар бораи зан», ҷиҳати дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.03 – таърихи фалсафа**

Диссертатсия дар мавзуи «**Таълимоти машшоияи шарқӣ дар бораи зан**» дар таърихи 26-уми январи с.2023, суратмаҷлиси №22 аз ҷониби Шурои диссертатсионӣ (734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17, Фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 01 феврали соли 2022 №38) ба ҳимоя қабул карда шудааст.

Довталаб Амирбекова Иқлима Ҷаборовна, соли таваллудаш 1967 шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Соли 2010 факултети филологияи тоҷики Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро аз рӯйи ихтисоси забон ва адабиёти тоҷик хатм кардааст. Солҳои 2016-2018 ба ҳайси унвонҷуи кафедраи онтология ва назарияи маърифати Донигоҳи миллии Тоҷикистон фаъолият намудааст. Аз соли 2018 то соли 2022 ассистенти кафедраи онтология ва назарияи маърифат ва аз соли 2022 то имруз ба ҳайси асситенти кафедраи диншиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон фаъолит мекунад.

Диссертатсия дар кафедраи онтология ва назарияи маърифати Донишгоҳи миллии Тоҷикистон иҷро шудааст.

**Роҳбари илмӣ**: **Худойдодзода Фаррух Бегиҷон** - доктори илмҳои фалсафа, профессори кафедраи онтология ва назарияи маърифати факултети фалсафаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

**Муқарризони расмӣ:**

**Маҳмадҷонова Муҳиба Талатҷоновна** – доктори илмҳои фалсафа, профессор, сарходими илмии шуъбаи таърихи фалсафаи Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови АМИТ

**Сулаймонов Бахманёр Сайдиҳсонович** – номзади илмҳои фалсафа, дотсенти кафедраи фалсафа ва сиёсатшиносии Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода.

**Муассисаи тақриздиҳанда:** Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ.

**Муассисаи тақриздиҳанда** - Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ дар тақризи мусбати худ, ки аз ҷониби н.и.ф., дотсент Бердиев Ш.П. ба имзо расида, аз ҷониби ректори ҳамин донишгоҳ, д.и.т, профессор Ибодуллозода А.И. тасдиқ шудааст, қайд менамояд, ки диссертатсияи Амирбекова Иқлима Ҷаборовна дар мавзуи «Таълимоти машшоияи шарқӣ дар бораи зан» ба бандҳои 10-16-и Тартиб додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор), ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021 таҳти №267 ба тасвиб расидааст, мувофиқат карда, муаллифи он Амирбекова Иқлима Ҷаборовна сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.03 – таърихи фалсафа мебошад.

Дар интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи тақриздиҳанда он чиз ба асос гирифта шудааст, ки онҳо аз рӯйи ихтисоси 09.00.03 – таърихи фалсафа дар сатҳи дахлдор таҳқиқоти илмӣ анҷом додаанд ва корҳои илмӣ-таҳқиқотии онҳо ба масъалаи таҳқиқшавандаи диссертатсияи Амирбекова Иқлима Ҷаборовна алоқамандии зич доранд.

Довталаб зиёда аз 4 мақолаи чопӣ дорад, ки аз онҳо 3 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи тавсиянамудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудаанд. Интишороти довталаб нуқтаҳои асосӣ, натиҷа ва мазмуни диссертатсияро инъикос намуда, саҳми шахсии муаллифро нишон медиҳанд.

**Муҳимтарин интишороти довталаб аз рӯйи мавзуи диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон:**

1.Амирбекова И.Ҷ. Мақоми иҷтимоии зан дар ислом ва таъсири он ба фалсафаи машшоияи шарқӣ // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои фалсафа №4 Душанбе, 2021. - С. 170-178.

2.Амирбекова И.Ҷ. Масъалаи зан ва оиладорӣ дар таълимоти Ибни Сино // Ахбори институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи АМИ ҶТ. №2. Душанбе, 2021. - С.67-70.

3. Амирбекова И.Ҷ. Мақом ва ҷойгоҳи зан дар зардуштия // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои фалсафа. №10. Душанбе, 2020. - С. 210-215.

**Ба автореферати диссертатсия аз ҷониби шахсони зерин тақризҳо навишта шуда, ба шурои диссертатсионӣ пешниҳод шудаанд:**

- аз ҷониби доктори илмҳои фалсафа, профессори кафедраи фанҳои ҷомеашиносии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи М.С.Осимӣ – **Раҳимов М.Ҳ.**

- аз ҷониби номзади илмҳои фалсафа, дотсент, мудири кафедраи фанҳои ҷомеашиносӣ ва гуманитарии Консерваторияи миллии Тоҷикистон ба номи Т. Сатторов - **Камолова Х.Қ.**

- аз ҷониби номзади илмҳои фалсафа, ходими пешбари илмии шуъбаи таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии Институти илмҳои гуманитарии ба номи Б. Искандарови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон– **Ниёзбеков Д.Т.**

Ҳамаи тақризҳои ба автореферат воридгардида онро мусбат арзёбӣ намуда, дар онҳо баъзе эродҳои хусусияти баҳснокдошта ва пешниҳодҳо манзур шудааст.

Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи тақриздиҳанда бо он асоснок карда мешавад, ки онҳо аз рӯйи ихтисоси 09.00.03 – таърихи фалсафа, дар сатҳи дахлдор таҳқиқоти илмӣ анҷом додаанд.

**Шурои диссертатсионӣ қайд менамояд, ки дар натиҷаи таҳқиқоти диссертатсионии довталаб:**

- мақоми зан дар таълимоти машшоияи шарқӣ **коркард шудааст**;
- **исбот карда шуд**, ки нисбат ба таълимоти динҳои дигар дар таълимоти зардуштӣ ва ислом занон аз ҳуқуқу озодиҳои бештаре бархӯрдор мебошанд. Дар Авесто бархилофи китобҳои муқаддаси динҳои яҳудӣ ва насронӣ зан на ҳамчун «махлуқи гунаҳкор» ва беҳуқуқ, балки ҳамчун инсони дорои шахсият, ҳуқуқу озодиҳо ва вазифаҳои мушаххаси иҷтимоӣ тавсиф шуда, аз лиҳози қобилияту истеъдодҳо ва қувваҳои ақлонию нафсонӣ аз мард ҳеҷ камӣ надорад
- **қайд карда мешавад,** ки бархе аз мутафаккирони асримиёнагии форсу тоҷик, аз ҷумла Ибни Сино ва Насируддини Тӯсӣ зимни шарҳи мақоми зан ҳам аз таълимоти Қуръону Ҳадис, ҳам аз афкори Арасту пайравӣ кардаанд.
- барои баҳои воқеӣ ва мунсифона додан ба ҷойгоҳи зан дар ин ё он дин ё ҷомеаи миллӣ-динӣ, таҳлили мухтасару муқоисавии таълимоти динҳо ва мактабҳои гуногуни динӣ-фалсафӣ, **пешниҳод карда мешавад.**
- муайян гардидааст, ки дар таҳаввули мафкураи ҷамъиятии халқи тоҷик оид ба зан дар асрҳои миёна нақши таълимоти Қуръон ва Суннат, инчунин, таълимоти Имоми Аъзам Абуҳанифа Нӯъмон ибни Собит ва фақеҳони бузурги мазҳаби ҳанафӣ, ҳамчунин фарҳанги тоисломии тоҷикон ҳамчун омили асосӣ таъсири бузург гузоштаанд. Анъанаҳои фарҳангии тоҷик дар мавриди мақом ва нақши иҷтимоии зан бе шак аз андешаҳои файласуфони асримиёнагии машшоия, ки дар натиҷаи баҳамории таълимоти фалсафӣ-динӣ ба вуҷуд омадаанд, маншаъ мегирад, **ҷорӣ карда шудааст.**

**Аҳамияти назариявии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар он асоснок карда шудааст, ки** натиҷаҳои таҳқиқоти анҷомёфта аз арзиши муайяни

илмӣ ва амалӣ бархӯрдор мебошанд. Онҳо барои таҳсили маълумоти қонеъкунанда дар бораи ҷойгоҳ ва нақшҳои иҷтимоии занон дар гузашта ва имрӯз, шинохти дақиқи омилҳои ғоявию иҷтимоии маҳдудкунандаи ҷойгоҳ ва ҳуқуқу озодиҳои занон дар даврони бостон ва асримиёнагӣ, зимнан дарки моҳияти прогрессивона ва башардӯстонаи таълимоти исломӣ дар бораи мақом ва нақши калидии занон дар тавлиду тарбия ва парвариши насли инсонӣ мусоидат мекунад. Дастовардҳо ва натиҷаҳои илмии таҳқиқоти мазкурро ба сифати мавод дар раванди таълими таърихи ҳуқуқ ва давлат, фарҳангшиносӣ, диншиносӣ, ҷомеашиносӣ, курсҳои махсус оид ба таърихи фарҳанги тоҷикон истифода бурдан мумкин аст.

Дар таҳқиқоти рисолаи диссертатсионӣ, муаллиф бештар ба муқаррарот ва хулосаҳои файласуфон, олимону муҳаққиқони ҳуқуқшинос, фарҳангшинос, муаррихон, этнографҳо, диншиносон ва мутахассисони соҳаҳои дигари илмҳои ҷамъиятӣ–гуманитарии тоҷику рус, аврупой, эронӣ ва ғайра, ки бевосита ба мавзуи таҳқиқотӣ рӯоварӣ намудаанд, такя намудааст. Ҳамзамон, корҳои илмии олимон ва муаллифон, ки дар шакли монографияҳо, дастурҳои таълимӣ, мақолаҳои илмии дар маҷалаҳои тақризшавандаи байналмилалӣ, барномаю қонунҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, махзанҳои электронии интернетӣ, сомонаҳои расмии вазорату идораҳои дахлдори соҳавӣ ташкил менамоянд, баён гарданд.

Таҳлили муқоисавии мақом ва нақши иҷтимоӣ ва ҳуқуқу озодиҳои зан дар афкори динӣ ва фалсафии даврони қадим ва асримиёнагӣ барои дуруст муайян кардани омилҳои иҷтимоӣ ва сарчашмаҳои ғоявие, ки дар даврони бостон ва асримиёнагӣ боиси маҳдуд ва танг шудани мақоми иҷтимоӣ ва доираи ҳуқуқу озодиҳои зан гардидаанд, минбаъд ҷиҳати бартараф ё пешгирӣ кардани таъсири манфии чунин омилҳо ба мақоми иҷтимоӣ ва ҳуқуқу озодиҳои зан, барои рушду вусъат пайдо кардани доираи ширкату фаъолияти занону духтарон дар соҳаҳои гуногуни ҳаёти ҷомеа, **муайян карда шудааст**.

**Омӯхта шудааст**, ки дар таҳқиқи масъалаи мақоми зан дар таълимоти машшоияи шарқӣ асарҳои Э. Бенвенист, Е. Ҳертсфелд, А. Кристенсен, М. Муин, Мери Бойс, В. В. Струве, Р. Фрай, Х. Дюмезил, А. О. Маковелский, А. Г. Периханян, А. К. Рзаев, И. С. Брагинский, М. Ҳумон А. Ризо Ю. Ёқубов, Д.С.Саймиддинов, Ф.Т.Тоҳиров (дар ҳаммуалифӣ бо Холиқзода А.Ғ.), Х.Х.Муъминҷонов, Ю.Нуралиев, Холиқзода А.Ғ, И.Б. Буриев, М.Маҳмудзода, А.Н. Маҳмадов нақши муайян доранд;

**Пешниҳод гардид**, ки дар бораи ҷойгоҳи зан дар ҷомеи зардуштии Эрон ва Осиёи Миёна дар даврони тоисломӣ аз мундариҷаи Авесто ва дигар сарчашмаҳои динӣ-таърихӣ тасаввурот ҳосил кардан мумкин аст. Аз ҷумла, аз мазмуни таълимоти зардуштӣ дар бораи издивоҷ ҳамчун як омили муҳимми рушди ҷомеаи маздопарастон (зардуштиён), зарурати бастани шартномаи никоҳ, риояи ҳуқуқу уҳдадориҳои оилавӣ аз ҷониби

ҳамсарон, ҳифзи ҳуқуқи фарзандон ва ғайра, чунин хулосаи мантиқӣ ҳосил мешавад, ки занон дар ҷомеи бостонии зардуштиён дар муқоиса бо вазъи иҷтимоӣ ва ҳуқуқии занон дар ҷомеаҳои дигари он замон, масалан назар ба ҷомеаҳои буддоӣ, ҳиндуӣ, яҳудӣ ва насронӣ, мақоми нисбатан шоистаи иҷтимоӣ ва вазъи нисбатан беҳтари ҳуқуқӣ доштанд.

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ нишон доданд**, ки дар таҳаввули мафкураи ҷамъиятии халқи тоҷик оид ба зан дар асрҳои миёна нақши таълимоти Қуръону Ҳадис, инчунин, таълимоти Имоми Аъзам Абуҳанифа Нуъмон ибни Собит ва фақеҳони бузурги мазҳаби ҳанафӣ, ҳамчунин фарҳанги тоисломии тоҷикон ҳамчун омили асосӣ таъсири бузург гузоштаанд.

**Муайян гардид, ки** дар даврони бостон ва асримиёнагӣ омили таъйинкунандаи вазъи ҳуқуқию иҷтимоии занон дар ҷомеаҳо ва кишварҳои гуногуни ҷаҳон таълимотҳои динӣ ба шумор мерафтанд

Дар диссертатсия фаҳмиши диалектикии падидаҳои ҳаёти маънавӣ, корбурди усулҳои илмӣ–таърихнигории таҳқиқи падидаҳои иҷтимоӣ мавриди истифода қарор дода шуданд.

Саҳми шахсии диссертант бо сатҳи навгонии илмии диссертатсионӣ, нуқтаҳои илмӣ, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд, мақолаҳои илмӣ, маърузаҳо дар конференсияҳои илмӣ-амалӣ, ҳамчунин тарзи навишт, масъалагузорӣ ва услуби диссертатсия ифода меёбад.

Дар маҷлиси 06 апрели соли 2023 Шурои диссертатсионӣ қарор қабул кард, ки ба Амирбекова Иқлима Ҷаборовна дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.03 – таърихи фалсафа дода шавад.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар Шурои диссертатсионӣ 12 нафар иштирок доштанд, аз ҷумла докторони илм 8 нафар аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда. Аз 12 нафар иштироқдоштагон дар маҷлис, ки ба шуро шомил буданд, овоз доданд: тарафдор -12 нафар, муқобил - нест, бюллетенҳои беэътибор - нест

**Раиси Шурои диссертатсионӣ, доктори илмҳои фалсафа, профессор** **Маҳмадизода Н.Д.**

**Котиби илмии Шурои диссертатсионӣ, доктори илмҳои фалсафа** **Муминов А.И.**

*06 апрели соли 2023*